Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2021, №1092
**«ба қайд гирифта шуд»**

Тағйиру иловаҳо дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июли соли 2022, №1092[1]
**«ба қайд гирифта шуд»**

Замимаи №1
ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2021, №126

Тағйиру иловаҳо бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2022, №79
**«тасдиқ шудааст»**

Талаботи махсус
ҳангоми кушодани суратҳисобҳои амонати муҳлатнок
ё дархостшавандаи бонкӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ки ба онҳо маблағҳои қонунигардонидашаванда
ворид карда мешаванд

**Ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор** мутобиқи рӯйхати бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқшуда ё филиалҳои онҳо (минбаъд – **ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор**), ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июли соли 2021 (минбаъд - Қонун) тибқи аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи онҳо суратҳисобҳои амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ кушода, маблағҳои қонунигардонидашавандаро ба ин суратҳисобҳо қабул менамоянд, бояд қоидаҳои зерини бо талаботи махсус ҳангоми кушодани суратҳисобҳои амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба онҳо маблағҳои қонунигардонидашаванда ворид карда мешаванд (минбаъд – Талаботи махсус), муайяншударо риоя ва таъмин намоянд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани суратҳисоби амонати (пасандози) муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун **ташкилоти қарзии молиявии** ваколатдорро (аз ҷумла **ташкилоти қарзии** исломиро) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона интихоб менамоянд

ва ҳуқуқ доранд дар як ё якчанд **ташкилоти қарзии молиявии** ваколатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва қоидаҳои дар **ташкилотҳои қарзии молиявӣ** тасдиқшуда суратҳисоби амонати (пасандози) мухлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ кушоянд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

2. Барои кушодани суратҳисоби амонати мухлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба **ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор дар баробари ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузории амалкунанда барои кушодани суратҳисоб ва гузоштани амонат пешбинӣ намудааст, инчунин аризаро дар шакли ба Талаботи махсус замимашуда пешниҳод менамоянд. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор ҳуқуқ надоранд ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани суратҳисобҳоро рад намоянд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ чунин радкуниро муқаррар кардааст. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

3. Ҳангоми қабули аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани суратҳисоби амонати мухлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулии онҳо **ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор уҳдадоранд иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро таъмин намоянд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

4. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор инчунин барои муайян намудани қонунигардонии маблағҳои пулии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳое, ки тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ)-ро ба таври лозимӣ татбиқ наменамоянд, чораҳои дастрас андешида, ба он роҳ намедиҳанд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

5. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор қонунигардонии маблағҳои пулии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо риояи қатъии тартиб ва муқаррароти Қонун, инчунин талаботҳои махсуси мазкур анҷом медиҳанд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

6. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор дар асоси аризаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани суратҳисоби амонати мухлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва қоидаҳои дохилии худ оиди кушодани суратҳисобҳо, шартномаҳои

дахлдорро ба расмият медароранд. Дар шартнома бо банди махсус ишора намудани таъиноти суратҳисоб, ки бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун мебошад, ҳатмист. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

7. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор суратҳисоби амонати мухлатнок, пасандозӣ ё дархостшавандаи бонкиро бо мақсади қонунигардонии маблағҳои пулӣ тибқи Қонун дар ҳисобҳои тавозунии 20216, 20218, 20220, 20222 барои **ташкилотҳои қарзии** анъанавӣ ва 200026, 200028, 200088, 200200, 200206, 200208, 200214, 200216, 200222, 200224 барои **ташкилотҳои қарзии** исломӣ мекушоянд. Маблағи воридшаванда маҳдудият надорад. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

8. Маблағҳои пулии қонунигардонидашаванда дар шакли нақдӣ тибқи тартиби амалкунанда қабул карда шуда, дар ҳуҷҷати хазинавии даромад ва расид таъиноти пардохт - «Қонунигардонии маблағҳои пулӣ» ишора карда мешавад.

9. **Ҳангоми интиқоли пул дар дохили кишвар бо шакли ғайринақдӣ дар супоришнома ва беруннавис таъиноти пардохт (асос) - «Қонунигардонии маблағҳои пулӣ» нишон дода мешавад. Ҳангоми интиқоли пул бо шакли ғайринақдӣ аз давлатҳои хориҷӣ таъиноти пардохт (асос) - «Қонунигардонии маблағҳои пулӣ» дар беруннавис нишон дода мешавад. (Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

10. Барои тасдиқи қонунигардонии маблағҳои пулии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон **ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор бо риояи қатъии талаботи моддаи 6 Қонун шаҳодатнома дар бораи қонунигадонии маблағҳои пулиро дар варақаи ҳимояшудаи шакли махсус тибқи намунаи бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқшуда медиҳанд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

11. Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии маблағҳои пулӣ бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби саридораи **ташкилоти қарзии молиявии ваколатдор** дода мешавад. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

12. Варақаи шаҳодатнома ҳуҷҷати ҳисоботдиҳии қатъӣ мебошад.

13. Бонки миллии Тоҷикистон варақаҳои шаҳодатномаро тайёр мекунад ва ба **ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор** бо гирифтани ҷуброни хароҷот аз рӯи арзиши аслӣ месупорад. Хароҷоти **ташкилоти қарзии молиявии ваколатдор** вобаста ба арзиши аслии варақаҳои шаҳодатнома аз ҳисоби шаҳрванд, ки барои қонунигардонӣ

муроҷиат намудааст, ҷуброн карда мешавад. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

14. Бонки миллии Тоҷикистон бақайдгирии рақами ҳисоб ва миқдори варақаҳои шаҳодатномаи ба ҳар як **ташкилоти қарзии молиявии ваколатдор** додашударо амалӣ менамояд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

15. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор варақаҳои шаҳодатномаи аз Бонки миллии Тоҷикистон гирифтаашонро ба қайд гирифта, дар ҳисобҳои тавозунии дахлдор (вобаста ба арзиш ва миқдор) инъикос менамоянд ва аз рӯи рақам ва маблағ шаҳодатномаҳои ба муштариён додашударо тибқи феҳристи бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо дар бораи қонунигардонии маблағҳо дар шакли ба Талаботи махсус замимашуда (шакли 1) ба ҳисоб мегиранд. Шакли электронии феҳристи бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо дар бораи қонунигардонии маблағҳо (шакли 2) дар муҳлатҳои тибқи банди 17 барои пешниҳоди ҳисобот муқарраршуда, аз ҷониби **саридораи ташкилоти қарзии молиявии** ваколатдор ба Бонки миллии Тоҷикистон ба суроғаи почтаи электронӣ ob@nbt.tj ирсол карда мешаванд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

16. Баъди анҷоми давраи қонунигардонӣ дар давоми 30 рӯзи корӣ варақаҳои истифоданашудаи шаҳодатнома аз тарафи **ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор** барои баъдан нобуд кардани онҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон баргардонида мешаванд, ки дар ин хусус санади дахлдор тартиб дода мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон арзиши варақаҳои истифоданашудаи шаҳодатномаҳоро, ки аз тарафи **ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор** баргардонида мешаванд, бозпас мегардонад. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

17. **Ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор, ки қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом додаанд, дар давраи қонунигардонӣ ҳар моҳ на дертар аз санаи 7 моҳи минбаъда ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобот тибқи шакли бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқшуда дар шакли электронӣ ба суроғаи почтаи электронӣ ob@nbt.tj пешниҳод менамоянд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

18. Дар ҳисоботи **ташкилотҳои қарзии молиявии** ваколатдор оид ба гардишҳои хазинавӣ маблағҳои пулии қонунигардонидашавандаи воридшаванда аз ҷониби **ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор** ҳамчун «Маблағҳои пулии қонунигардонидашаванда» алоҳида инъикос карда мешаванд. **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

19. Ҳамаи хароҷоти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки барои барасмиятдарории қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандон пардохт карда мешавад, аз ҳисоби худи шаҳрвандон сурат мегирад.

Замима
ба Талаботи махсус

Ба_______________________________________________________________________
(номи пурраи **Ташкилоти қарзии молиявӣ** ё филиали он)
**(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**
аз________________________________________________________________________
(ному насаб)
Суроғаи қайди истиқомат__________________________________________________

Ариза

Хоҳишмандам бо мақсади қонунигардонии маблағҳо ба номи ман суратҳисоби бонкӣ кушоед.

Суратҳисоби бонкии амонати мухлатнок ☐

Суратҳисоби бонкии амонати дархостшаванда ☐

Бо пули миллӣ ☐

Бо асъори хориҷӣ ☐

Имзои аризадиҳанда___________________________

«___»_________________с. 202___

---------------------------------------------------------------------------------------------------------

(паси ҳуҷҷат)
Қайди **ташкилоти қарзии молиявӣ (Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

| | |
|---|---|
| Иҷозат медиҳам:<br>Шахси масъул___________________________<br><br>«___»_________________ с. 202___<br>_________________________________<br><br>Суратҳисоб кушода шуд | |
| № ҳисоби тавозунӣ | № ҳисоби шахсӣ |
| | |

Замима
ба Талаботи махсус

ФЕҲРИСТИ
бақайдгирии варақаи Шаҳодатномаҳо дар бораи қонунигардонии маблағҳо
Шакли 1 – дар **ташкилоти қарзии молиявӣ** нигоҳ дошта мешавад **(Қарори Раёсати БМТ аз 29.06.с.2022, №79)**

| № | Таърихи қабул ва бақайдгирии варақаи шаҳодатнома | Рақами баҳисобгирии варақаи шаҳодатнома | Таърихи додани шаҳодатнома | Ному насаби дорандаи шаҳодатнома | Рамзи асъор | Ҳаҷми маблағ | Имзои муштари | Ному насаби шахси масъули **ташкилоти қарзии молиявӣ** | Имзои корманди масъули **ташкилоти қарзии молиявӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

| Номгӯи талабот | бо рақам | бо ҳарф |
|---|---|---|
| Миқдори варақаи Шаҳодатномаи аз Бонки миллии Тоҷикистон гирифташуда | | |
| Миқдори варақаи Шаҳодатномаи сарфгардида мутобиқи ҳуҷҷатҳои қабули маблағҳои пулӣ | | |
| Миқдори варақаҳои сарфнашуда, ки бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон баргардонида шаванд. | | |

**Ному насаб ва имзо**
**Роҳбари ташкилоти қарзии молиявӣ**
**Сармуҳосиб**
**Муҳри ташкилоти қарзии молиявӣ**

Замима
ба Талаботи махсус

# ФЕҲРИСТИ
бақайдгирии варақаи Шаҳодатномаҳо дар бораи қонунигардонии маблағҳо
Шакли 2 – ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад

| № | Таърихи қабул ва бақайдгирии варақаи шаҳодатнома | Рақами баҳисобгирии варақаи шаҳодатнома | Таърихи додани шаҳодатнома | Ному насаби дорандаи шаҳодатнома | Рамзи асъор | Ҳаҷми маблағ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

| Номгӯи талабот | бо рақам | бо ҳарф |
|---|---|---|
| Миқдори варақаи Шаҳодатномаи аз Бонки миллии Тоҷикистон гирифташуда | | |
| Миқдори варақаи Шаҳодатномаи сарфгардида мутобиқи ҳуҷҷатҳои қабули маблағҳои пулӣ | | |
| Миқдори варақаҳои сарфнашуда, ки бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон баргардонида шаванд. | | |